# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи **«Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологӣ-минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ

*Мубрамии мавзуи таҳқиқот.* Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз минтақаҳои кӯҳӣ иборат буда, дорои захираҳои бузурги обӣ-гидроэнергетикӣ мебошад. Азхудкунӣ ва истифодаи самараноки ин захираҳо ҳам барои истеҳсоли неруи барқ ва ҳам барои таъмини эҳтиёҷоти обёрӣ аҳамияти муҳим дошта, ҳамзамон бо як қатор мушкилоти геологӣ ва геоэкологӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла, ташаккули табиии нишебиҳои водиҳои рӯдҳои кӯҳӣ ба пайдоиши қитъаҳои ноустувори нишебиҳо ва тағйирёбии қаъри водиҳо мусоидат мекунад. Илова бар ин, ҳудуди Тоҷикистон дар минтақаи фаъоли сейсмикӣ ҷойгир буда, ба таъсири заминҷунбиҳои шиддатнокии гуногун дучор мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши равандҳои геологӣ ва геоэкологии вобаста ба истифодаи захираҳои обӣ аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар шароити кунуни омӯзиши равандҳои ярчӣ ва омилҳои бештари таъсиргузор аҳамияти муҳиму асосии илмӣ ва амалӣ доранд. Бо назардошти ин гуфтаҳо таҳқиқоти диссертатсионии Ёқубзода Ш.А. ба масъалаи муҳими илми геологии инженерӣ бахшида шуда, дар ҳоли ҳозир мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот унвонҷу вазифаҳои дар назди худ гузоштаро пурра ва комилан ба сомон расонидааст. Аз он ҷумла мебояд қайд намуд, ки шароити геологӣ ва сейсмикии минтақа ҳаматарафа тасдиқ карда шудааст. Муайян намудани қонуниятҳои таҳқиқоти тағйирёбии фазои, геологию сейсмикӣ ва таъсироти онҳо ба хатарҳои табиии геологӣ ва замонавӣ таъсири фаъолияти техногенӣ; баҳодиҳии ҳолат ва тағйирёбии шароити геологии минтақа бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқот; арзёбӣ ва типикунонии хавфҳои геоэкологии табиӣ дар шароити фаъолияти техногенӣ, инчунин таҳияи чорабиниҳо оид ба коҳиш ва пешгирии хавфҳои инженерӣ геологии минтақа низ дар матни автореферат тариқи возеҳ ва пурра инъикоси худро ёфтанд.

Аз мухтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки саҳми шахсии муаллиф дар муаяйн намудани самти таҳқиқот, гузоштани вазифаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, инчунин таҳлили хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати арзёбӣ ва коҳиш додани хатари онҳо маҳсуб буда, натиҷаҳои бадастомада дар 20 адад корҳои илмӣ ба нашр расонида шудаанд.

Дар автореферат, бо назардошти он ки дар натҷаи гузаронидани таҳқиқот натиҷаҳо ва маълумоти назаррасси илмӣ-назариявӣ ва дастовардҳои муҳим ба даст оварда шудаанд, лек баъзе норасоиҳо ва камбудиҳои техникӣ ба назар мерасанд.

- дар автореферат баъзе ҷанбаҳои назариявии мавзу ба таври мухтасар баррасӣ гардидаанд. Хуб мебуд, агар онҳо бо таҳлили амиқтари адабиёти илмӣ пурратар инъикос мегардиданд.

- дар қисмати хулосаҳо ва тавсияҳои амалии автореферат унвоҷӯ метавонист натиҷаҳои таҳқиқотро бо мисолҳо ё маълумоти иловагӣ боз ҳам равшантар асоснок менамуд.

Ин эродҳо ба моҳияту мазмун ва арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ба назар гирифта шаванд.

*Хулоса.* Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки кори диссертатсионии Ёқубзода Шокир Абдулфайз таҳқиқоти илмии мукаммал ва ба анҷомрасида мебошад. Муаллиф рисоларо мустақилона таҳия намуда, масъалаи баррасишавандаро бо дарки амиқ ва муносибати ҷиддии илмӣ таҳлил кардааст. Матни автореферат ба таври равшан, мухтасар ва пайдарпай пешниҳод гардида, мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро ба таври пурра инъикос менамояд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар маҷмӯ, кори илмии унвонҷӯ Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи **«Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ»** дар сатҳи баланди илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва муҳтавои илмӣ актуалӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Кори илмӣ пурра ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои геологӣ-минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ сазовор мебошад.

Тақризнигор:
Директори МДИ «Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон»,
номзади илмҳои геология ва минералогия Шерализода Н.Ш.

**Имзои – Шерализода Н. Ш** -ро тасдиқ мекунам
мудири бахши кадрҳо ва коргузории Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ҳасанова Б.

17.03.2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
E-mail: cgr.nast@gmail.com, телефон: (+992 37) 2222364